«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Мунир Ватан**

______________________

«27» ____________ 2026

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин таҳти унвони «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.1. – Забони тоҷикӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» ба бахши "Соҳаҳои таҳқиқот"-и шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.1. – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Қайд кардан зарур аст, ки забони ашъори шоири ширинкалом Шамсиддин Шоҳин бо ғановати таркиби луғавӣ, дар бар доштани унсурҳои забони халқ, тарзи баёни сода дар таърихи забони тоҷикӣ, бахусус дар байни осори адибони охири асри XIX ва ибтидои садаи XX, мавқеи назаррас дорад. Забоншиносони варзидаи тоҷик дар мавзуи вазъи забони ин марҳилаи инкишофи забон, чун Носирҷон Маъсумӣ, Саидмурод Ҳоҷиев, Саидқул Сабзаев ба ин вижагии забон ва тарзи баёни шоир ишорат кардаанд. Аз ҷумла, устод Носирҷон Маъсумӣ қайд кардааст: «Вобаста ба мубориазаи торафт шиддатёбандаи ҷараёнҳои адабӣ ин равия дар назм ба таври анъанавӣ давом мекард. Шамсиддин

Шоҳин ҳам нақши забони зиндаи халқро дар кори ҳақиқатан инкишоф додани забони адабӣ ва оммафаҳму сода кардани забон ва услуби назм нисбат ба замони худ дуруст фаҳмида, бойигарии забони халқро аз шоирони дигари муосири худ бештар дарк карда тавонист» [18. 201].

Диссертатсияи номзадие, ки Шоҳзода Гулнора Амриддин анҷом додааст, бевосита ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин мавзуъ бахшида шудааст ва диссертант хулосаҳои худро доир ба мубрамии мавзуъ чунин баён кардааст:

– таркиби луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин бори аввал мавриди пажӯҳиш қарор гирифт;

– ба ин далел ҷойи ҳунари суханофаринии шоир дар як давраи барои таърихи халқи мо басо ҳассос равшан хоҳад шуд;

– инчунин, хонанда аз тариқи килки суханпардозии ин адиби сеҳрбаён бо имконоти баёни фасеҳи тоҷикӣ-форсӣ рӯбарӯ хоҳад омад;

– вобаста ба нуктаи мазкур ҳунари суханпардозӣ ба воситаи истифодаи санъатҳои бадеӣ осонтар, яъне бидуни бо такаллуфоти ҳунарӣ мувоҷеҳ шудан, даст хоҳад дод;

– аз омӯзиши забони ашъори шоир мутолиакунанда ғановати забони халқро бештар эҳсос хоҳад кард;

– омӯзиши истилоҳоти истифодакардаи устод Шоҳин, бавижа оид ба бахши санъати мусиқӣ, дар замони мо аз аҳамияти хос бархурдор хоҳад буд;

– ҷойи басо аз моддаҳои луғавии истеъмолнамудаи ин адиби дар заминаи вожасозӣ босалиқа дар фарҳангномаҳои мо холист. Ба ин хотир, дар диссертатсия зерфасле ихтисос додем;

– ба таносуби корбурди қисме аз воҳидҳои луғавии форсии дарӣ дар ашъори Шоҳин ва вобаста ба таҳаввулоти сиёсӣ баъдан дар забони тоҷикӣ истифода намудани онҳо низ эътибор дода шуд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ аз як тараф, барои такмил ва инкишофи

солими забони адабии муосири тоҷик ва таҳқиқи луғавию маънoии осори беҳтарини адабиёти классикӣ маводи пурарзиш диҳад, аз тарафи дигар, аз таҳқиқи осори назмии ин давра маълум мегардад, ки назми ин давра сода ва равон буда, аз такаллуфоту иборапардозӣ орӣ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Оид ба омӯзиши таърихи забони адабӣ, хусусан таркиби луғавии он, аз навиштаҳои устод Садриддин Айнӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Туракул Зеҳнӣ, Носирҷон Маъсумӣ, Саид Ҳалимов, Эмомалӣ Раҳмон ва дигарон гирифта то таҳқиқоти олимони ҷавони даврони мо осори фаровонеро ном бурдан мумкин аст, ки ба табъ расидаанд ва ҳовии андак ишороте дар мавриди забони айёми рӯзгори устод Шамсиддин Шоҳин ҳам ҳастанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамияти мавзуъ, масоили мавриди таҳқиқ, навгониҳо ва сарчашмаҳои пажӯҳиш, аҳаммияти назарию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ, дар маҷмуъ, саҳми бевоситаи шахсии ӯро таъкид менамоянд. Инчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди назарияҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ, монография дар робита ба мавзуи диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант унвон кард. Муносибати инфиродии назарӣ ва методологии муаллиф дар ҳалли як қатор масъалаҳои марбут ба омӯзиши илми вожанигорӣ мусоидат менамояд. Диссертант дар танзими равишҳои илмии ҳалли масъалаҳои дар диссертатсия ба миён гузошташуда аз усулҳои мушоҳидаву муқоиса, хулосабарорӣ, шарҳу тафсир, таҳлили матнӣ, оморӣ ва таҳлилу таҷзияи маводи наҳвӣ босамар истифода намудааст.

Дар маҷмуъ, метавон таъкид намуд, ки дар диссретатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин бо як равиши муназзами илмӣ масъалаҳои корбурди

вижагҳои луғавию маъноӣ дар осори назмии адибони охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX, ба риштаи таҳлил кашида шуда, мақсади ниҳоӣ ба даст омадааст. Натиҷаҳои бадастомада аз он шаҳодат медиҳанд, ки интихоби мавзуъ ва равиши баррасии илмии он дуруст ба роҳ монда шудааааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Вижагиҳои таркиби луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин дар забоншиносии тоҷик, хусусан дар бахши луғатшиносии он, бори нахуст таҳқиқ мешавад. Дар таърихи забони тоҷикӣ гурӯҳҳои луғавию маъноӣ дар ҳеҷ рисолае ба ин андоза, ки дар мисоли забони ашъори Шамсиддин Шоҳин анҷом пазируфта ва таҳлилу тасниф шуда бошад, вуҷуд надорад. Маҳорати шоир дар ин замина мустанад ба қалам омадааст. Муаллиф дар боби таносуби истеъмоли бархе аз вожаҳои куҳан (тоҷикӣ-форсӣ) ва муқтабас (аз арабӣ) дар забони тоҷикӣ ва форсӣ-дарӣ (ба асоси забони назми Шоҳин) андеша иброз намудааст. Иттилои комилтарро доир ба ҷойгоҳи вожаҳои омиёна дар назми классикӣ аз ин диссертатсия ба даст овардан мумкин аст. Пиромуни бархе аз истилоҳот ҳам маълумоти тоза дода шудааст. Дар мавриди ҳунари шоир доир ба корбурди таркибҳои маҷозӣ, зарбулмасалу мақол дар забони шеър ва маҳорати ӯ дар такмили қисме аз онҳо ҳам сухан дар миён аст. Таркибҳои тавассути унсурҳои тасвирсохтаи Шоҳин ҷалби таваҷҷуҳ менамоянд ва хонанда ҳам бо баъзе аз чунин таркибу иборот бори аввал рӯбарӯ мешавад.

**Аҳаммияти назарии** таҳқиқи мазкур сохтори вижагиҳои таркиби луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин дар забоншиносии тоҷик, хусусан дар бахши луғатшиносии он, дар як давраи муайяни таърихӣ, дар асоси маводи таҳлилшуда нишон медиҳад.

Дастовардҳои илмии ин таҳқиқ дар ҳалли як қатор масоили назариявии луғавию маъноии забони адабии муосири тоҷикӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунин муқоисаи маводи таҳлилгардида барои муайян кардани раванди инкишофи вожашиносии тоҷик дар давраҳои гуногун аҳаммияти илмию амалӣ дорад. Низоми муайянгардидаи таҳлили луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин барои таҳқиқи минбаъдаи илмию назариявӣ дар ин самт метавонад ҳамчун асос ва замина хизмат намояд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Пажӯҳиши ғановати таркиби луғавии ашъори Шамсиддин Шоҳин ба омӯзиши нисбатан пурраи таърихи забони тоҷикии интиҳои асри XIX ва ибтидои садаи XX мусоидат хоҳад кард.Натиҷаҳои таҳқиқ амалан барои фанҳои тахассусӣ дар ихтисосҳои забоншиносӣ, тарҷумаи бадеӣ, матншиносӣ, таҳлили матни бадеӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, дастури таълимӣ, инчунин, дар омӯзишу таҳқиқи забони осори адибон низ ташкил медиҳад. Ҳамчунин бахшҳои алоҳидаи ин кор дар ихтисосҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди таълиму тадрис қарор мегирад.

Диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин аз се боб, 12 фасл хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 185 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад ва бо ҳаҷму мазмун ва моҳияти хеш ба талаботи илмии номзади илмҳои филологӣ ҷавобгӯ аст.

Дар муқаддима роҷеъ ба дархости замон будани мавзуъ, дараҷаи пажӯҳиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии диссертатсия ва навгониҳои он, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ, муқаррароти асосии кор, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, татбиқи натиҷаҳои диссертатсия ва ихтисораҳо маълумот пешниҳод гардида, муҳиммияти мавзуи таҳқиқ ва объекту предмети он мушаххас карда шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия «**Вижагиҳои маънои ашъори Шамсиддин Шоҳин**» ном дошта, аз се фасл иборат мебошад. Фасли нахуст – «**Ҷойгоҳи вожаҳои қадимаи тоҷикӣ дар ашъори шоир**» се зерфаслро дар бар мегирад. Зерфасли аввал – **«Вожаҳои марбут ба исм»** шарҳи ҷойгоҳи вожаҳоеро, ба мисли **пур** (писар), **бону** (зан, хонум**), кох** (қаср), **пӯзиш** (узр),**тагарг** (жола // ҷола ), **жарф** (умқ, чуқур) , **гом** (қадам**), басич** // **басеч** – исми масдар (басич намудан) – ин ҷо ба маънии парвариш кардан:  Аввал чу **намудаӣ басичам**, Чун ҳеч шудам, мазан ба ҳечам) [45, 446] ва ғ. дар бар гирифтааст. Назари муаллифи диссертатсия чунин аст, ки шоир нисбат  ба муродифҳои ғайритоҷикии калимаҳои мазкур дар эҷод ба ин унсурҳои луғавии пешин бисёртар эътибор додааст.

Дар фасли дуюм **«Ҷойгоҳи калимаҳои омиёна дар ашъори шоир»** дар мавриди истифодаи унсурҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ аз ҷониби шоир сухан меравад. Муаллиф назари худро бо такя ба пажӯҳишҳои олимон Носирҷон Маъсумӣ, Раззоқ Ғаффоров, Саид Ҳалимов, Саидмурод Ҳоҷиев, Саидкул Сабзаев асоснок намудааст. Дар диссертатсия омадааст, ки то ин давра адибон дар чаҳорчӯби танги баёни классикӣ банд монда буданд ва аслан, аз шеваи маъмули  офариниши осори илмиву бадеӣ истифода мебурданд.

Фасли сеюми боби номбурда ба таҳқиқу омӯзиши **«Ҷойгоҳи воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақол дар ашъори шоир»** бахшида шуда, муҳаққиқ хулосаи таҳқиқи хешро чунин баён кардааст.Мо аз «Куллиёт» -и Шамсиддин Шоҳин воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалҳои зеринро ба қайд гирифтем, ки ҳоло ба тавзеҳи онҳо мегузарем. Чунончи, дар байтҳои зерин шоир воҳидҳои фразеологии «чашм об додан», «аз раҳи дида ба дил даромадан», «пунбаи ғафлат ба гӯш ниҳодан», «ҷон кандан», «аз шири модар ҳам ҳалолтар будан», «вақти нафас кашидан набудан» истифода гардидааст:

Дамаке аз рухи худ парда барандоз, ки ман
Аз рухат **об диҳам чашм**и тамошоиро [145, с.30].
Бо ту, эй дидадаро, қасри дил аст омода,
Аз **раҳи дида даро бар дилам**, эй дидадаро [145, с.31].

Бисёр зарбулмасалҳои корфармудаи устод Шоҳин дар забони халқ ривоҷ доранд, лекин чунин ҳис карда мешавад, ки дар шеъри шоир ба ҳамон шакли дар адабиёти классикӣ истеъмолмеёфтаашон, аммо вобаста ба талаби каломи мавзун мавриди истифода қарор гирифтаанд. Масалан, «намак хӯрдӣ, **намакдонро нашикан**» (дар асл маяндоз) ин гуна: «Шиканад он ки намак хӯрд намакдони туро» [117, с.32]; «дар гӯш пахта будан ё доштан» – «Замона пунбаи ғафлат ниҳодааст ба гӯш» [117, с.44]; ва ғайра.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Гурӯҳҳои луғавии ашъори Шамсиддин Шоҳин»** ном гирифта, аз се фасл понздаҳ зерфасл иборат аст. Дар ин зербобҳо муҳаққиқ дар мавзуи «Мавқеи муродифоти луғавӣ дар ашъори шоир**»,** «Вожаҳои ҳаммаънои исмӣ ва сифатӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ – тоҷикӣ ва тоҷикӣ – арабӣ » «Мавқеи калимаҳои сермаъно ё омонимҳо дар ашъори шоир» ва «Мавқеъи калимаҳои зидмаъно дар ашъори шоир» тақиқи илмӣ ба анҷом расонидааст.

Вожаҳои зикрёфта исмҳои тоҷикиасл буда, таркибан содаанд ва дар баёни мафҳуми гуногун омадаанд.

Гурӯҳи дигари калимаҳои ба ин фасл тааллуқдошта исмҳои иқтибосӣ (арабӣ ва туркӣ) мебошанд, ки қабл аз айёми зиндагии Шоҳин ба забони тоҷикӣ роҳ ёфтаанд. Ин вожаҳо ҳам монанди калимаҳои бунёдан тоҷикӣ дар адои мафҳумҳои гуногун, мисли хешутаборӣ, унвони ҳайвону парандагон ва номи дигар чизҳо ба кор рафтаанд, ба гунаи **амма, амак** ва **хола**. Ин калимаҳо аз решаҳои арабии **ам** (м) – [33-1, 61] ва **хол** [34-2,488] тавассути унсурҳои калимасози тоҷикӣ пайдо шудаанд ва мафҳуми мушаххас гирифтаанд. Шаклҳои тоҷикишудаи инҳоро дар «Куллиёт»-и Шоҳин [45,185; 44,115] мушоҳида кардем.

Калимаҳои туркиасли истифодакардаи шоир, ки тақрибан маънои ҳар кадоми онҳо мафҳум аст, инҳо мебошанд: **тайлоқ** (...гӯсолаи якдусола) [32,651]; «бачаи шутур, шутурбача» [34-2,308]**, чумчуқ** (гунҷишк,[45,142]), **тайёқ** (калтак, чӯбдаст) [45,143]), **қалпоқ** (каллапӯш) [45,377].

Шоҳин вожа – сифати **ланҷ**ро дар мавқеи маънои калимаҳои адабии **бемор, ранҷур** ва **касал** [32, 411] ба кор бурдааст: Ба арзи қиссаи шавқи ту пухтамағзонро, Бисӯхт маънии хом оташи **ибораи ланҷ** [45, 228]. Пайдост, ки вожаи **ланҷ** дар ин ибора чун маҷоз ибораи ноқис, каммазмун, номукаммалро мефаҳмонад. Устод Айнӣ **ланҷ**ро «суст, беморнамо» [1-12, 178] тафсир кардааст.

Ба гуфтаи муҳаққиқ аз боби ҷонишин ҳамагӣ як калима – ҷонишини суолии **канӣ**? [45, 210] ба назар расид.

Бахши дигари вожаҳои омиёнаро исму сифату зарфҳои ба воситаи пасванду пешвандҳо таркибёфта, ташкил медиҳанд.

Ҳангоми таҳқиқ аён шуд, ки Шамсиддин Шоҳин бо пасванди **-ӣ** аз исми мушаххас исми маънӣ ва аз сифат исми маънӣ сохтааст. Масалан, аз **лунг (линг** дар гуфтори мардум шояд тағйирёфтаи **лунг** бошад) **лунгӣ** (дар таркиби сифати **лунги**и ҳаммом гирифтан) [45,153]; «... порчаи махсусе, ки дар ҳаммом аз миён то зону мебанданд» [33–1,609] ва аз **шум – шумӣ** (дар таркиби **асари шумии афъоли ман**) [1-12, 48] омадааст.

Дар сухани Шоҳин калимаи арабии **шукр** бо ду унсури вожасози тоҷикӣ – пешванду пасванд (**но-**, **-ӣ**), ки хосси табиати гуфтори тоҷикист, ба кор рафтааст: **Но**шукр**ӣ** агар зи ман фузун рафт... [45, 458].

Шоир дар сифатсозӣ якҷо аз ду пасванди сифатсоз (**-ина, -гӣ**) , ки ин равиши калимасозӣ дар таърихи забони адабӣ рӯйдоди нодир аст, кор гирифтааст. Чунончи, аз зарфи **дер** бо ин пасвандҳо **-дер+ина+гӣ**: Қадри **деринагӣ** андеша намо ... [45,185].

Диссертант фасли сеюмро **«Мавқеи калимаҳои зидмаъно дар ашъори шоир»** унвон ниҳодааст. Вай мегӯяд, ки зидмаъноҳо ё антонимҳо дар адабиётшиносӣ бо истилоҳҳои **тазод** ва **муқобила** ифода ёфтаанд. Аз мавқеи соҳибистиқлолии кишвар ва забони миллию давлатӣ шудани забони модарии мо – тоҷикӣ ба маънои калимаи лотинии **антоним** вожаҳои **зидмаъно** ва **муқобилмаъно** рӯйи кор омадаанд. Ин ду вожа агарчи арабиянд, вале, ба қавли устод Айнӣ, «Арабиҳои ба ҳар тоҷик фаҳмо мебошанд». Ин қабати луғавӣ дар забоншиносии тоҷик дар шакли рисолаи мустақим таҳқиқу ҷамъбаст нашуда бошад ҳам, дар зимни омӯзиши забон ва услуби адибон, матбуоти давр таълифёфта ба вуқуъ пайвастааст, ки аз огоҳии аҳли илм ба қазия ҳикоят мекунанд. Мо ҳам ҳангоми мутолиа ва таҳқиқи луғати забони ашъори Шамсиддин Шоҳин ба воҳидҳои луғавии зидмаънои қобили баррасӣ дучор гардидем. Масалан, дар мисраъҳои нахустини нуҳ байти достони «Лайлӣ ва Маҷнун» аз вожаҳои муқобилмаъно ташаккул ёфтаанд (**Порам** ҳама **айшу комронӣ**, **Имсол шиканҷу хастаҷонӣ**), бист калимаву таркиби зидмаъно ба чашм хӯрд.

Боби сеюми рисола **«Саҳми Шамсиддин Шоҳин дар ғанӣ гардидани захираи луғавии забони тоҷикӣ»** унвон дорад. Фасли якуми ин боб – «**Таҳлили баъзе калимаҳои ашъори шоир**» якчанд зерфасл дорад. Зерфасли якум – « **Вожаҳои тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ**» ҳовии калимаҳоест, ки то давраи Истиқлоли кишварамон бо муродифҳои иқтибосиашон муаррифӣ мешуданд. Яке аз ин вожаҳо истилоҳи низомии **афсар** мебошад, ки бо андак тағйироти овоӣ «ҷомаи иқтибосӣ» ба бар карда ба забони мо ворид гардидааст. Дар луғатномаҳо ба маънии **тоҷ** аз авастоии **aiwi** пешванд (ба-бар)+ **sara** (сар), яъне он чи бар сар гузоранд, **тоҷ**; дар паҳлавӣ **afsar** (бо истиноди муаллиф ба Ҳ. Нюберг **apisar** ба маъни **тоҷ** [5-2, 168] аст. Тибқи маълумоти манбаъҳо, тоҷ ба **шоҳ** ва **подшоҳ** тааллуқ дошт. Чун сарварии неруҳои мусаллаҳи давр бар дӯши онҳо буд, тадриҷан ин вожа мафҳуми

ҳарбӣ – низомӣ гирифт. Дигар калимаҳои мавриди баррасӣ қароргирифта монанди вожаи **афсар** саргузашти бостонӣ доранд. Вожаи **афсар** дар назми Шоҳин, ба андешаи мо, ба ҳар ду тобиши маъноӣ омадааст:

Дар хами он зулфи чун чавгон дили маро чӣ қадр?

Эй, сари **афсар**тирозон гӯйи майдони шумо! [45, 34].

Шамсиддин Шоҳин дар дохили боби сеюм ба таҳлили баъзе калимаҳои ашъори шоир, муқоисаи вожаҳои тоҷикӣ - форсӣ – дарӣ, мавқеи маъноии калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ-форсӣ- дарӣ, ҷойгоҳи вожаҳои забон ва сухан дар ашъори шоир ва истилоҳоти забоншиносӣ дар ашъори шоир таҳлилҳои хеле назарраси илмӣ анҷом додааст.

Аз он ҷумла ҷиҳати офариниш ва истифодаи вожа ва ибораҳои ифодагари мафҳуми **сухан** дар рисола ба таври зер тафсиру гурӯҳбандӣ шудааст:

1. Аз лиҳози пайдоиш:

1) вожаҳои тоҷикӣ-форсӣ (**забон, сухан)**; 2) калимаҳои арабӣ (**ҳарф, нукта, лафз**, **калом**, **қавл**, **ҳадис, мақол**).

2. Аз лиҳози иртибот ба узви инсон, ки василаи баёни сухан гардидаанд ва ҷинсҳои пурарзиши маъданӣ, ки воситаи ташбеҳи унсурҳои гуфтор – **забон** ва **сухан** шудаанд.

Дар миёни ин силсила калимаҳои **забон** ва **сухан** мавқеи намоён доранд. Бояд ба арз бирасонем, ки вожаи **забон** дар ашъори Шоҳин нисбатан корбурди маҳдуд дорад. Бо вуҷуди ин, ба замми иборoти дар осори хаттӣ мураввач, назири маъмули **теғи забон** [45,159], **забони чарб** [45, 695], **ширинзабон** [45, 530], **забон чарб кардан** [45, 487], дар суханаш бо таркиботи нотакрор вохӯрдем, монанди **забони узрхоҳ** (... Қурбони **забони узрхоҳат**) [45, 375], **забони шакаромез** (Лайлӣ ба **забони шакаромез** ... ) [45, 442], **рӯйи забон** (Зи **рӯйи забон** меҳрубонӣ кунанд,...) [45,463], **савсани садзабон** (Он **савсани садзабон** фаромӯш ...) [45, 441].

Диссертант мегӯяд, ки дар ганҷинаи забони осори Шоҳин ибораҳои маҷозӣ ба мавқеи бузург моликанд. Ӯ, ҷуз калима ва ибораҳои чун **тарзабон(ӣ)** ва **забони чарб**ро дар таркиб овардан (тарзабон **шудан** [45, 487], забони чаро **бикшодан** [45, 355], бо калимаи **забон** таъбироти фаровон офаридааст, ки аз ин қароранд; **забон дароз кардан** (ба маънии зиёд гап задан, дар гуфтор аз ҳад гузаштан): **Забон дароз макун** бар дили ман, эй носеҳ ... [45,100]. Таъбирҳои дигар, ба монанди **забон ба ком нуҳуфтан** [45, 470], **забонро поя гаштан** [45, 471], **забонро гиреҳ бар гиреҳ барфикандан** [45, 471] ва ғайра низ дар рисола ҳамин тавр маънидод гардидаанд.

Шоҳин барои баёни неруи таъсиргузор будани забон аз воситаҳои тасвир кор гирифтааст. Шоҳин **забон**ро бевосита **оташ** гуфтааст : **Забон** сурх аз он аст, к-он **оташ** аст, Бупарҳез, к-ин **оташ** одамкуш аст [45, 470].
Дар автореферат ҳам фишурдаи таҳқиқот зикр шуда, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ҷойгир карда шудааст. Муҳимтарин вижагиҳои диссертатсия дар таълифоти диссертант ифода ёфтаанд, ки мақолаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар автореферат бо тартиби муайян оварда шудаанд.

Диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин маводи илмии мукаммалро барои соҳаи забоншиносӣ дар бар мегирад ва дар ҷамъ намудани маълумоти он саҳми диссертант назаррас мебошад. Бо вуҷуди ин, дар рафти таҳия ва омода кардани диссертатсия муаллиф ба як қатор норасоиҳо роҳ додааст. Ба андешаи мо, зикри ин камбудиҳо ба фоидаи кор аст. Чунончи:

1.Пояи асосии диссертатсия дастгоҳи илмии (аппарати илмӣ) он маҳсуб меёбад ва ин ҷиҳати масъала бояд бе нуқсон таҳия гардад, лекин дастгоҳи илмии рисола нодуруст таҳия гардида, иқтибосоти дохили матн ба руйхати адабиёт мувофиқат намекунанд. Масалан, дар саҳифаи 4 адабиёти №18 ба Носирҷон Маъсумӣ, адабиёти №43 ба Саидмурод Ҳоҷиев ва адабиёти №27 ба Эмомалӣ Раҳмон мансубият доранд, аммо дар руйхати адабиёт таҳти ин тартибот тамоман дигар адабиёт оварда шуданд, ки ин ҳолат анқариб дар тамоми диссертатсия ба назар мерасад.

2. Дар шароити феълӣ яке аз мубраммияти корҳои таҳқиқотӣ натиҷагирии маводи мавриди баррасӣ ва инъикоси онҳо дар таблитсаву диаграммаҳо маҳсуб меёбад. Дар рисолаи мавриди таваҷҷуҳ чунин натиҷагириҳо дида намешавад. Ба манфиати кор аст, агар аз ин усул истифода гардад.

3. Рисола аз назари як мутахассис – муҳаррир бояд гузаронида шавад. Зеро ба

таҳрири ҷиддӣ ниёз дорад.
4. Дар рисола иштибоҳоти техникӣ, ки боиси сар задани хатогиҳои забонӣ гардидааст, зиёд ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Эродҳои мо ислоҳталаб буда, ислоҳи онҳо қимати илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд. Рисолаи Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 6.2.1.- Забони тоҷикӣ ба талаботи таҳияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳияи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1.- Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳуриии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси илмии 6.2.1. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад. Бар замми ин, диссертант лаёқати баланди илмӣ дошта, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти забоншиносӣ мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсия ва маводи интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 6 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

**Хулоса,** диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва умқу вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси илмии 6.2.1. – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарраротӣ бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов Абдулмаҷид Нурович омода гардида, дар

ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 14-уми марти соли 2026 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 14 нафар, зид - «нест», бетараф - «нест».
Суратҷаласаи № 8, аз 14.03.2026.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Давлатов Абдулмаҷид Нурович

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Қурбонзода Рудоба Исмоил

**Котиби илмии ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Сайдалиев Сарварбӣ Сайдакбаровна

**Имзоҳои н.и.ф., дотсентон Давлатов А. Н., н.и.ф. Қурбонзода Р., ва Сайдалиев С. -ро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Давлатов Мирали

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735360, ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров 16,
тел.: қабулгоҳ: (833-22) 2-35-06, шуъбаи умумӣ: (833-22) 2-36-26, факс: (33-22) 2-35-06,
почтаи электронӣ: info@kgu.tj,
сомонаи интернетӣ: www.kgu.tj